**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзӯи: «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum L.)* аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Мубраммияти мавзуи таҳқиқот. Гандум зироати асосии ғизоии одамон ба шумор меравад. Таҳқикотҳо доир ба омӯзиши нишонаҳои морфологию генетикии намунаҳои гандум аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошт, дар шароити ҷануби Тоҷикистон иҷро намудани кори илмии мазкур барои ҳимоя пешниҳод шуда, яке аз масъалаҳои мубрами рӯзмарра ба шумор меравад.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ - Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда, дар шароити ҷанубии Тоҷикистон парваришгашта, ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Омӯзиши хусусиятҳои сабзиш, рушд, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъунамо дар намунаҳои гандуми мулоим;
2. Хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ муфиди намунаҳои ояндадори гандуми мулоими аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия гирифташуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон;
3. Муайян кардани нишондиҳандаҳои биокимиёвии тухмӣ дар намунаҳои гандуми аз коллексияи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон;
4. Таъсири нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити ҷануби Тоҷикистон;
5. Омӯзиши алоқамандии аломатҳо дар намунаҳои гандуми таҳқиқшуда;
6. Муайян намудани самараи иқтисодии парвариши намунаҳои нави гандуми овардашуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. бори аввал хусусиятҳои ташаккулёбии аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ самараноки 15 намунаи гандуми муллоимдона аз коллексия ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон омӯхта баромадааст. Ба аломатҳои намунаҳои гандуми мулоим ҳангоми ворид намудани нуриҳои маъдании нитроаммофоска, ҳангоми коштани намунаҳои нав аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон баҳои илмӣ дода шудааст. Бори аввал алоқамандии аломатҳои гуногуни дар намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар иқлими гарми ҷануби Тоҷикистон муайян карда шуд. Нишон дода шуд, ки намунаҳои нави мутобиқшудаи гандуми аз коллексияи ИУР-и Федератсияи

Россия гирифташуда назар ба навъи гандуми назоратии Ормон 1,5-2,4 баробар серҳосил мебошанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Дар кори ичрогардида бори аввал хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи намунаҳои гуногуни гандуми мулоими аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифташуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон омӯхта шуданд. Муқаррар карда шуд, ки намунаҳои гандуми ITMI-1, ITMI-3, ITMI-6, ITMI-9, ITMI-30, ITMI-32, ITMI-55, ITMI-75, ITMI-77 ва ITMI-103 аз руи баъзе нишондодҳои ҳосилнокӣ нисбат ба навъи назоратии Ормон бартарӣ доранд. Нишон дода шудааст, ки ҳосили намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум дар ҳамаи вариантҳои ворид намудани нуриҳои маъданӣ - нитроаммофоска назар ба навъи гандуми назоратии Ормон аз 22,4 то 91,2 фоиз зиёд аст. Намунаҳои ITMI-30; ITMI-32 ва ITMI-75 дар шароити водии Вахш ҳосилнокии ғалларо мутаносибан 80,4; 82,2 ва 75,0 сентнерӣ аз ҳар га таъмин намуданд, ки ин нисбат ба навъи Ормон 145,9; 151,4 ва 129,6 фоиз зиёд аст. Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар майдони 5 га заминҳои деҳқонон санҷида шудаанд.

Чи тавре, ки аз автреферати кори диссертатсионӣ бармеояд доир ба кори илмӣ 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, ба нашр расидаанд.

**Хулоса.** Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ дар мавзӯи **"Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон"**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, кори бисёрсолаи анҷомёфта ба шумор рафта, бо аҳамияти назариву амалиаш ва бо маҷмӯи натиҷаҳои илмии дар он ба даст оварда шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он Резмонова Қурбоной Шариповна сазовори унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ мебошад.

Муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои
кишоварзӣ (ихтисоси 06.01.01-Зироатчигии умумӣ,
растанипарварӣ) ____________________ Назарова Нигора
Имзои Н.Назарова-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

*урогаи хизматӣ:* 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121
Тел. (+992)985601860; E.mail: nigora-27@mail.ru 7.07.2025